«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
______________**Сатторзода Б. А.**
«_30_»_______10_______соли 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович дар мавзуи «Инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд ва самтҳои танзими он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ), алалхусус, банди 7. Бозорҳои локалӣ (маҳаллӣ), ташаккулёбии онҳо, амалкард ва ҳамкорӣ; банди 20. Инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва бозорӣ дар минтақаҳо; банди 22. Инкишофи бозори минтақавии меҳнат мутобиқат менамояд.

**2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум дар сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз лиҳози таъмини шуғли аҳолӣ яке аз ҳадафҳои асосӣ маҳсуб мешавад. Дар ин росто, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (28 декабри соли 2023) қайд шудааст, ки шумораи аҳолии қобили меҳнат дар кишвар мунтазам афзоиш ёфта, дар панҷ соли охир 8,4 фоиз зиёд гардидааст. Ҳамчунин, таъкид шудааст, ки андешидани тадбирҳои мушаххас вобаста ба омӯзонидани касбҳои коргарӣ, васеъ намудани соҳибкасбӣ ва таъмин намудани шаҳрвандон бо ҷойҳои кори доимӣ дар дохили кишвар вазифаи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат мебошад. Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ дар ин самт масъулияти бевосита доранд. Дастуру супоришҳои Пешвои миллат

такмили илман асосноки рушди бозори меҳнати ҳар як минтақаро ба яке аз вазифаҳои асосӣ табдил медиҳад. Бо рушди бозори меҳнати минтақавӣ шуғли аҳолӣ таъмин гардида, замина барои баланд бардоштани некӯаҳволии мардум фароҳам меояд. Дар замони ҳозира бо афзоиши таъсири ҷаҳонишавӣ, ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ва инқилоби илмӣ-техникӣ тағйироти ҷиддӣ ба мазмуну мундариҷаи бозори меҳнат ворид мешавад. Масъалаҳои паст кардани сатҳи бекорӣ, музди меҳнати номутаносиб дар соҳаҳои иқтисодиёт, идоракунии омилҳои рушди бозори меҳнати минтақавӣ, ҳамгироии он бо таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва таҳсилоти олии касбӣ, ташаккули механизми рушди сармояи инсонӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба ин мавзуъ аз ҷумлаи масъалаҳои мубраме мебошанд, ки таҳқиқоти ҷиддиро тақозо мекунанд. Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

**3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Муаллиф ба ҳайси яке аз сарчашмаҳои мубрами таҳқиқот ба таври васеъ аз паёмҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди бозори меҳнат истифода намудааст, ки барои асоснокии матни кори диссертатсионӣ заминаи устувор фароҳам овардааст. Ҳамзамон, асарҳои олимону муҳақиқони ватанӣ ва хориҷӣ низ омӯхта шуда, ба таври густурда ва фарогир дар кори диссертатсионӣ инъикос ёфтаанд. Муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои кор ба таҳлили васеи маводи расмии иттилоотӣ, оморӣ ва таҳлилӣ дар соҳаи танзими бозори меҳнати минтақавӣ асос ёфтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлили амиқи масъалаҳои баррасишаванда буда, барои рушди минбаъдаи бозори меҳнат заминаи илмӣ ва амалии мустаҳкам пешниҳод менамоянд. Илова бар ин, натиҷаҳо ва мухтавои асосии диссертатсия дар намуди мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, ҳамчунин дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба натиҷаҳои таҳқиқот аз дурустӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои кори анҷомёфта шаҳодат медиҳанд.

**4. Навгонии илмии таҳқиқот ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада.** Навгонии илмии кори диссертатсионӣ аз ғанӣ гардонидани муқаррароти

назариявию методӣ дар раванди ташаккулёбӣ ва рушди бозори меҳнати минтақавӣ, ҳамчунин коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ҳалли муаммоҳо ва такмили танзими он дар иқтисодиёти вилояти Суғд иборат мебошад.

Натиҷаҳои асосии илмие, ки унсурҳои навгониро ташкил медиҳанд, аз ҷумла инҳо мебошанд:

- муқаррароти назариявии бозори меҳнат, консепсияҳои шуғли аҳолӣ ва иқтисодиёти минтақавӣ низомбандӣ гардида, дар асоси онҳо мухтавои таҳқиқот таҳрир ва такмил дода шудааст;

- гуногунҷабҳагии равияҳои методӣ дар арзёбии бозори меҳнат баррасӣ гардида, баҳри арзёбии объективии бозори меҳнати минтақа нишондиҳандаҳои он гурӯҳбандӣ карда шудаанд;

- исбот гардидааст, ки дар кишварҳои ҷаҳон таҷрибаи мухталифи ташаккул, танзим ва рушди бозори меҳнат фароҳам оварда шуда, ҷанбаҳои муайянгардида барои истифода дар иқтисодиёти минтақавӣ қобили қабуланд;

- вазъи ғайримутавозини талаботу таклифот дар бозори меҳнати вилояти Суғд ошкор карда шуда, ба такмил ниёз доштани сиёсати даромадҳо ва музди меҳнат дар минтақа исбот карда шудааст;

- дар асоси таҳлили тағйироти сохторӣ дар бозори меҳнати вилояти Суғд, зарурияти такмили он асоснок карда шудааст;

- иқтидори ҷавонон дар мавриди имконияти ивази ҷойҳои кории аҳолии калонсол, сарбории нафақавӣ ва демографӣ дар вилояти Суғд муайян карда шудааст;

- амсилаи таъсири омилҳои гуногуни иқтисодӣ ба вазъи бозори меҳнат коркард шудааст. Тавсияҳои илмию амалӣ оид ба танзими инкишофи бозори минтақавии меҳнат бо назардошти таҷдиди ҳамгирой бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ташаккули сармояи инсонӣ пешниҳод гардидааст.

**6. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот** асоснок буда, ба бандҳои вазифаҳои таҳқиқот ва навгонии кори диссертатсионӣ мувофиқат мекунанд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ дорои аҳаммияти назаррас буда, метавонанд ҳангоми таҳияи тадбирҳои давлатӣ дар миқёси вилоят оид ба рушди бозори меҳнати минтақавӣ, таъмини пешрафти иқтисодии минтақа дар шароити иқтисоди бозорӣ бо дарназардошти сатҳи рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Ин тавсияҳо ҳамчунин барои таҳия ва такмил додани барномаҳои таълимӣ ва курсҳои тахассусӣ аз қабили Иқтисодиёти минтақавӣ, Назарияи иқтисодӣ, Танзими давлатии иқтисодиёт аҳаммияти амалӣ доранд.

Диссертатсия дар заминаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақавии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шуда, дар ҷаласаҳои дахлдори кафедра мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии диссертатсия.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, дурустӣ ва асоснокии хулосаҳои диссертатсия бо истифодаи манобеъ ва сарчашмаҳои кофӣ собит ва маводҳои марбут ба мавзуи таҳқиқот, интихоби дурусти усулҳои таҳлил ва тадқиқ, инчунин бо коркарди амиқи омории маълумоти ҷамъоваришуда тасдиқ ва тақвият ёфтаанд. Натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот дар хулоса ва тавсияҳои кори диссертатсионӣ инъикос ёфта, муқарраротн назариявии илмии асоснокгардида таҳия шудаанд. Ин муқаррарот метавонанд дар фаъолияти Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд, Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, инчунин дигар мақомоти дахлдор ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят истифода шаванд. Муқаррароти илмии кори таҳқиқотӣ, инчунин дар ҷараёни таълими фанҳои Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат, Иқтисодиёти минтақавӣ, Идоракунии кадрҳо ва ғайра дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омода намудани кадрҳои баландихтисос тавсия мегарданд.

**7. Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот.** Кори диссертатсионӣ натиҷаи фаъолияти мустақими илмию таҳқиқотӣ ва андешаҳои шахсии муаллиф мебошад. Интихоби мавзуъ, таҳияи нақшаи кори илмӣ, ҷамъоварии маводи илмӣ ва оморӣ, таҳлили манбаъҳо, таълифи матни диссертатсия, коркарди муқаррароти илмӣ, таҳия ва асоноксозии хулосаҳо ва тавсияҳо пурра аз ҷониби муаллиф анҷом дода шуда, дар асоси омӯзиши амиқи асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин бо дарназардошти ҷанбаҳои институтсионалӣ ва дигар паҳлуҳои мавзуъ ба таври мустақилона иҷро гардидааст. Муаллиф бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқотӣ ба арзёбии объективонаи вазъ ва равандҳои рушди бозори меҳнати минтақавӣ ноил гардидааст. Ғайр аз ин, аз ҷониби ӯ

якчанд мақолаҳои илмӣ таҳия ва дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд. Ҳамзамон, муаллиф дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ фаъолона иштирок намуда, бо маърӯзаҳои илмӣ баромад кардааст, ки саҳми шахсии ӯро дар раванди таҳқиқ боз ҳам боризтар ва равшан нишон медиҳад.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муҳтаво ва натиҷаҳои асосии маводи диссертатсия дар 15 - мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 2,5 - ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 3 - мақола дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда (дар ҳаҷми умумии 1,9 - ҷузъи чопӣ) ба нашр расидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, инчунин дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба шакли маърузаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд. Мақолаҳои илмии муаллиф мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи пешниҳодгардидаро пурра инъикос намуда, ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат доранд.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Бозори меҳнат дар илми иқтисодӣ яке аз ниҳодҳои асосии рушди муносибатҳои бозаргонӣ ба ҳисоб меравад. Объекти асосии бозори меҳнат захираҳои меҳнатӣ мебошанд, ки сатҳи рушди иқтисодиёти ҳар як минтақа аз самаранокии фаъолияти онҳо вобаста аст. Барои ошкор намудани қонуниятҳои рушди бозори меҳнат, зарур аст ба хусусиятҳои амалӣ ва пайванди табиии он бо истилоҳҳои захираҳои меҳнатӣ ва шуғли аҳолӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии бозори меҳнатро дар шароити муосир ҳам аз ҷиҳати молиявӣ, ташкилӣ ва ҳам иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ намудан лозим аст, зеро он ҷузъи таркибии низоми умумии иқтисодиёт маҳсуб мешавад. Дар илми муосир назарияҳои гуногун вобаста ба мундариҷаи бозори меҳнат мавҷуданд, ки ин ҳолат аз мураккабӣ, бисёрҷанбагӣ ва бисёрсатҳии ин мафҳум шаҳодат медиҳад. Бозори меҳнат бар пояи муносибатҳои байни аҳолӣ, кормандон, корфармо, мақомоти давлатӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ ташаккул меёбад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати манбаъҳои истифодашуда иборат буда, манобеи кор 172 - номгӯйро дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 172 - саҳифаро ташкил медиҳад, дар он 29 - ҷадвал, 3 - расм ва 1 - диаграмма ҷой дода шудаанд.

Дар муқаддима мубрамият ва дараҷаи коркарди масъалаи илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин объект, предмет ва мавзуи он, навгонии илмӣ, нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок карда шуда, ва аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум** «Асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқоти бозори меҳнати минтақавӣ», муаллиф назарияи бозори меҳнати минтақаро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар ин самт масъалаи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, роҳҳои татбиқи он дар иқтисодиёти вилояти Суғдро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар таҳқиқоти боби мазкур муқарраароти назариявии бозори меҳнат, консепсияҳои шуғли аҳолӣ, иқтисодиёти минтақа низомбандӣ карда шуда, дар асоси он мафҳуми тадқиқот тасҳеҳ пазируфтааст (саҳ. 17-34). Ҳамзамон, равияҳои методӣ роҷеъ ба арзёбии бозори меҳнати минтақа мудаллал карда шудааст (саҳ. 34-43). Дар ин асос баҳри арзёбии объктивонаи бозори меҳнати минтақа нишондиҳандаҳои он гурӯҳбандӣ карда шудаанд (саҳ. 46-47, ҷадвали 1. 3). Дар зербоби сеюми ин боб таҷрибаи андӯхтаи кишварҳои ҷаҳон оид ба ташаккул, танзим ва рушди бозори меҳнат омӯхта ва таҳлил шуда ҷанбаҳои қобили қабул барои истифода дар иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғд баррасӣ гардидааст (саҳ. 47-63).

**Муаллиф дар боби дуюм** "Вазъи муосир, арзёбӣ ва хусусиятҳои бозори меҳнат дар вилояти Суғд" талаботу таклифот дар бозори меҳнат, арзёбии музди меҳнатро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Дар боби мазкур вазъи номувозинии талаботу таклифот дар бозори меҳнати вилояти Суғд, аз ҷумла шадидии бекории ҷавонон асоснок карда шудааст (саҳ. 66-72). Инчунин, шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯйи сатҳи музди меҳнат гурӯҳбандӣ гардиданд (саҳ. 73-76, ҷадвалҳои 2.5, 2.6). Тағйироти сохторӣ дар бозори меҳнати вилояти Суғд асоснок карда шудааст. Дар ин асос мавҷудияти муаммоҳои зерин муайян гардидаанд: - шуғли аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ назаррас буда, ҳиссаи меҳнати дастӣ нисбат ба меҳнати зеҳнӣ ҳоло ҳам зиёд мебошад; дар бештари соҳаҳои иқтисодиёти вилоят сатҳи номутавозинии музди меҳнат ҷой дошта, он сабаби асосии муҳоҷирати меҳнатӣ гардидааст; гардиши қувваи корӣ, яъне озодшавӣ аз кор, ивазшавӣ, қабул ба кор ноустувор мебошад; зарибаи аз кор рафтан, қабул ба кор, ивазнамоӣ ҳисоб карда шуда, зарурати таъмини мӯътадилии шуғл дар соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд асоснок карда шудааст (саҳ.77-78). Иқтидори ҷавонон оид ба имконияти ивази ҷойҳои кории

аҳолии калонсол, сарбории нафақавӣ ва демографӣ дар вилояти Суғд муайян карда шудааст. Тибқи он исбот гардидааст, ки дар минтақа бо кор таъмин гардидани ҷавонон дар сатҳи нокифоя қарор дошта, сарбории демографӣ (шахсони ниёзи нигаҳбонӣ ба ҳар сари аҳолии машғули кор) баланд аст. Ҷорӣ намудани техникаву технологияи нав, рушди иқтисодиёти инноватсионӣ дар вилоят барои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, коҳиши меҳнатталабии истеҳсолот исбот карда шудааст.

**Дар боби сеюм** «Такмили танзими бозори меҳнат дар иқтисодиёти минтақа» ғеҷишҳои сохторӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд аз руи нишондиҳандаҳои сохтории аҳолӣ таҳлил гаштаанд (саҳ. 109-112). Амсилаи таъсири омилҳои гуногун ба вазъи бозори меҳнат, тавсияҳои илмӣ-амалӣ баррасӣ гардидааст (саҳ. 122). Муайян гардидааст, ки дар шароити муосир ҳассосияти тағйирот дар бозори меҳнати минтақа аз тамоюлҳои мусбати ММД ба ҳар сари аҳолӣ бештар вобастагӣ дошта, ин омил ба рушди соҳаи саноат, афзоиши музди меҳнат низ таъсири назаррас дорад. Тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба танзими инкишофи бозори минтақавии меҳнат бо назардошти таҷдиди ҳамгироӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ, рушди сармояи инсонӣ ва ғайра пешниҳод гардидааст.

Дар хулосаи кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти гузаронидашуда дар 12 банд (саҳ.146-149) ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар 9 банд (саҳ.149-150) пешниҳод шудаанд.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Низомномаи “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, № 267 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович ба ихтисоси дархостшавандаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз руйи ихтисос 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки он дар навбати худ мукаммал ба низом даровардашуда, ҳамчун таҳқиқоти илмии мустақилона дар сатҳи баланд иҷро шуда, ба масъалаҳои мубрами замони муосир бахшида шудааст.

**12. Эрод ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Дар баробари дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ ва техникӣ доранд, холӣ нест:

1. Дараҷаи таҳқиқи мавзуи кори илмӣ, ки дар муқаддимаи диссертатсия оварда шудааст, гувоҳӣ медиҳад, ки докторант на бо ҳамаи асарҳои илмие, ки дар ҷумҳурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот ба анҷом расидаанд, пурра шинос шудааст.

2. Агар муаллиф дар муқаддима маълумоти дақиқ ва муфассал дар бораи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал ва истифодаи онҳо дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар кишвар меовард, мувофиқи мақсад мебуд.

3. Дар саҳифаи 40 ва дар ҷадвали 1.2 (саҳ. 42-43) формулаҳо доир ба ҳисоби нишондиҳандаҳо оид ба арзёбии вазъи бозори меҳнат дар иқтисодиёт оварда шудаанд, вале онҳо бо таҳлили мустақим ва ҳисобҳои мушаххас дар диссертатсия ҳамроҳ нестанд. Агар дар асоси он формулаҳо ҳисобу таҳлил анҷом дода, хулосаҳои илмӣ бароварда мешуданд, мазмуни кори диссертатсионӣ ғанитар мегардид.

4. Номгузории баъзе ҷадвалҳо ба андозаи кофӣ асоснок нестанд (масалан, ҷадвалҳои 1.4, 2.10, 3.6 ва ғ.). Ин метавонад нофаҳмоиҳоеро ба миён орад.

5. Дар боби 3, зербоби 3.1 масъалаи ҳамгироии бозори меҳнати минтақа бо таҳсилоти олӣ баррасӣ шудааст. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ низ дар таъмини рушди бозори меҳнат саҳми назаррас доранд ва нодида гирифтани онҳо нуқси таҳлил ба шумор меравад.

Камбудиҳои ҷойдошта сатҳи илмии диссертатсияро паст намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи докторант самаранок арзёбӣ мегарданд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиб барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз руйи ихтисос таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович дар мавзуи «Инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд ва самтҳои танзими он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) дар сатҳи

зарурии илмӣ ба итмом расида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи менеҷмент муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 3, аз 28 октябри соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар номзадҳои илм ва докторони илмҳои иқтисодӣ.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа: дотсенти кафедраи менеҷменти ДДМИТ,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Хамидов А. Х.

Эксперт: профессори кафедраи менеҷменти ДДМИТ,
доктори илмҳои иқтисодӣ — Аминов И.

Котиби илмии ҷаласа: дотсенти кафедраи менеҷменти ДДМИТ,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Назарамонова Д. М.

Имзоҳои Хамидов А. Х., Аминов И. ва Назарамонова Д. М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ — Мирҷамолов М.А.

30 октябри соли 2025

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, саҳифаи интернетӣ: www. tgfeu.tj/ Email: info@ddmit.tj. Телефон: (992) 231-08-43; (992) 227-30-75